ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D. КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзӯи «Фалсафаи Ибни Арабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа

Пас аз омӯзиши ҳамаҷонибаи диссертатсияи пешниҳоднамудаи Зиёева Зебониссо Идибековна, ки ба таҳқиқи ҳаёт, осор, ҷаҳонбинӣ ва таълимоти фалсафию ирфонии Муҳйиддин Ибни Арабӣ бахшида шудааст, метавон бо итминон таъкид намуд, ки таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти муҳимми назариявӣ, таърихию фалсафӣ ва илмӣ мебошад. Муаллиф дар диссертатсия кӯшиш намудааст, ки таълимоти Ибни Арабиро ҳамчун яке аз падидаҳои муҳими таърихи фалсафаи асримиёнагии исломӣ дар заминаи ташаккул ва таҳаввули афкори фалсафию ирфонӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор диҳад.

Мавзӯи таҳқиқот бо назардошти аҳамияти мероси фалсафию маънавии Шарқ дар таърихи андешаи башарӣ ва зарурати омӯзиши илмии равандҳои ташаккул ва таҳаввули тафаккури фалсафӣ мубрам арзёбӣ мегардад. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки омӯзиши мероси Ибни Арабӣ на танҳо барои шинохти хусусиятҳои фалсафаи асримиёнагии арабу мусулмонӣ, балки барои дарки робитаи фалсафа, ирфон, дин ва маърифат дар рушди таърихии афкори инсонӣ аҳамияти хосса дорад.

Мақсади асосии таҳқиқот аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи фалсафаи Ибни Арабӣ, ошкор намудани заминаҳои ташаккули ҷаҳонбинии ӯ, таҳлили масъалаҳои асосии таълимоти фалсафию ирфонӣ ва муайян намудани ҷойгоҳу аҳамияти он дар таърихи фалсафа иборат мебошад. Барои расидан ба ин мақсад дар диссертатсия масъалаҳои марбут ба тарҷумаи ҳол ва осори Ибни Арабӣ, таҳаввулӣ андешаҳои ӯ, хусусиятҳои таълимоти «ваҳдати вуҷуд», масъалаҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ, муносибати Худо ва

олам, «аъён ас-собита», «таҷаллӣ», «фано» ва «бақо», инчунин фаъолияти шарҳнависон ва пайравони ӯ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқ муаллиф аз доираи васеи сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ истифода намуда, осори асосии Ибни Арабӣ, аз ҷумла «Фусус ал-ҳикам» ва «Ал-Футуҳот ал-Маккийя», инчунин асарҳои шарҳнависон, пайравон, мунаққидон ва таҳқиқоти муосири ба мероси ӯ бахшидашударо мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф бо такя ба усулҳои таърихию фалсафӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ ва системавӣ кӯшиш намудааст, ки масъалаҳои асосии таълимоти Ибни Арабиро дар робитаи дохилӣ ва таърихии онҳо муайян ва тавзеҳ диҳад.

Дар диссертатсия масъалаи ҷойгоҳи Ибни Арабӣ дар таърихи фалсафаи асримиёнагии исломӣ ба таври мушаххас баррасӣ гардида, нишон дода шудааст, ки таълимоти ӯ дар ташаккул ва рушди минбаъдаи андешаи фалсафию ирфонии Шарқ нақши муҳим доштааст. Дар ин замина муносибати гуногуни муҳаққиқон ва мутафаккирон ба таълимоти Ибни Арабӣ, аз ҷумла мавқеи ҷонибдорон ва мухолифони «ваҳдати вуҷуд», мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Арзиши назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия масъалаҳои калидии таълимоти Ибни Арабӣ дар робитаи байни ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ таҳлил карда шуда, мафҳумҳои асосии низоми фалсафию ирфонии ӯ аз нуқтаи назари таърихию фалсафӣ мавриди тавзеҳ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, муносибати байни вуҷуд ва адам, Худо ва олам, аъён ас-собита, таҷаллӣ, ваҳдати вуҷуд, фано ва бақо, инчунин хусусиятҳои маърифати сӯфиёна, аз қабили кашф ва шуҳуд, таҳқиқ шудаанд.

Арзиши амалии таҳқиқот дар имкони истифода намудани натиҷаҳои он дар таҳияи корҳои илмӣ ва таълимӣ, таълими фанҳои таърихи фалсафа, фалсафаи Шарқ, диншиносӣ ва фарҳангшиносӣ, инчунин ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ ифода меёбад.

Натиҷаҳои диссертатсия барои таҳқиқоти минбаъдаи мероси фалсафию маънавии Шарқ низ аҳамияти муайяни илмӣ доранд.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мешаванд, ки муаллиф бори нахуст дар таърихи фалсафаи ватанӣ омӯзиши муқоисавӣ ва таҳлилии фалсафаи Ибни Арабиро дар шакли комплексӣ ва системавӣ ҳамчун объекти мустақили таҳқиқот қарор додааст. Дар натиҷаи таҳқиқ як қатор масъалаҳои норавшан ва камомӯхтаи мероси ирфонию фалсафии Ибни Арабӣ равшан ва мушаххас гардидаанд.

Аз ҷумла, муаллиф тарҷумаи ҳол ва мероси Ибни Арабӣ, унсурҳои асосии таълимоти ӯ ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми ҷаҳонбинии сӯфиёна, аз ҷумла «ваҳдати вуҷуд», «фано» ва «бақо», «халқи ҷадид», «аъён ас-собита» ва «таҷаллиёти илоҳӣ»-ро таҳлил намуда, робитаи байниҳамии онҳоро ошкор кардааст.

Дар таҳқиқ инчунин шарҳу тавсифи осори нисбатан машҳури Ибни Арабӣ ва муносибати шарҳнависони асримиёнагӣ, ҷонибдорон ва мухолифони ғояҳои ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар асоси таҳлил муқаррар намудааст, ки Ибни Арабӣ яке аз шахсиятҳои барҷастаи ирфони исломӣ буда, ҳарчанд ғояи «ваҳдати вуҷуд» дар анъанаҳои гуногуни фалсафию ирфонӣ собиқаи тӯлонӣ дошта, Ибни Арабиро ихтироъкори нахустини он донистан дуруст нест, ӯ ин ғояро дар фалсафаи мусулмонӣ ба сатҳи нави илмӣ-назариявӣ бардошта, ба таври низомманд инкишоф додааст. Яке аз натиҷаҳои муҳими таҳқиқ муайян намудани густариши андешаҳои ваҳдати вуҷуд дар кишварҳои форсизабон ва нақши пайравон ва шарҳнависони ин таълимот мебошад. Дар ин замина мавқеи Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳамчун шарҳнавис, муфассир ва пайрави ғояҳои Ибни Арабӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, таъсири таълимоти ваҳдати вуҷуд дар муҳити фалсафию ирфонии форсизабон нишон дода шудааст.

Муаллиф инчунин масъалаҳои камомӯхтаи таълимоти Ибни Арабиро, ки ба хусусиятҳои «ваҳдати вуҷуд», мушкилоти дарк ва фаҳмиши он, гуногунфаҳмӣ ва тафсирҳои ба ҳам зид алоқаманданд, мавриди таҳлили махсус қарор додааст. Ҷанбаҳои камомӯхтаи таълимоти Ибни Арабӣ дар самти ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ низ таҳлил гардидаанд.

Дар диссертатсия ду самти муҳими таълимоти Ибни Арабӣ - «ваҳдати вуҷуд» ва «фано ва бақо» - ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифта, таносуби маърифати сӯфиёна, хусусан кашфу шуҳуд, бо дигар шаклҳои маърифат, аз ҷумла донишҳои ҳиссӣ, касбӣ, ақлӣ, ваҳбӣ ва ғайра, баррасӣ шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқ инчунин масъалаи «аъён ас-собита» ва хусусияти махсуси он дар низоми ҳастишиносии Ибни Арабӣ шарҳ дода шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки «аъён ас-собита» дар фаҳмиши Ибни Арабӣ на ба маънои ҳастии воқеӣ ва на ба маънои нестию ҳеҷии мутлақ, балки ҳамчун ҳолати махсуси миёни ҳастӣ ва нестӣ маънидод мегардад. Ин ҷанба барои равшан намудани яке аз масъалаҳои мураккаби онтологияи Ибни Арабӣ аҳамияти назариявӣ дорад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз истифодаи сарчашмаҳои сершумор, осори аслии Ибни Арабӣ, асарҳои шарҳнависон, таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ва истифодаи усулҳои мувофиқи таҳқиқоти таърихию фалсафӣ таъмин гардидааст. Мавқеъ ва хулосаҳои пешниҳоднамудаи диссертант дар матни диссертатсия бо таҳлил ва далелҳои илмӣ асоснок карда шудаанд.

Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф қобилияти зарурии таҳқиқоти мустақилонаи илмиро доро буда, тавонистааст масъалаи мураккаби фалсафию ирфонии Ибни Арабиро дар заминаи таърихию фалсафӣ ба таври пайваста ва муназзам мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Натиҷаҳои бадастомада, хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертант аз натиҷаи

омӯзиши мустақилонаи масъала сарчашма гирифта, дар маҷмӯъ ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқат менамоянд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 2 монография, 1 китоб ва 34 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 23 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Мазмун ва самти интишороти муаллиф бо муҳтавои диссертатсия мувофиқат дошта, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти анҷомдодашударо инъикос менамоянд.

Комиссияи экспертӣ ба хулосае омад, ки диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзӯи «Фалсафаи Ибни Арабӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти мустақилона анҷомёфтаи илмӣ буда, дорои навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва арзиши таърихию фалсафӣ мебошад ва ба талаботи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ оид ба диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзӯи «Фалсафаи Ибни Арабӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, мутахассисони зерин таъин карда шаванд:

- Амирхон Шоҳусайн Талбонӣ - доктори илмҳои фалсафа, и.в. профессор, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Латифӣ Зебинисо Абдулатиф - доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи факултети таърих ва ҳуқуқӣ МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

- Султонзода Соқи Аслон - доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи забонӣ фарасавии факултети забонҳои Аврупо ва Осиёи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ тавсия дода шавад.

4. Барои гузоштани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия, ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои нашр ва паҳн намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертии диссертатсия Зиёева Зебониссо Идибековнаро дар мавзӯи «Фалсафаи Ибни Арабӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзӯи «Фалсафаи Ибни Арабӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Амирхон Шоҳусайн Талбонӣ - доктори илмҳои фалсафа, и.в. профессор, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Латифӣ Зебинисо Абдулатиф - доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи факултети таърих ва ҳуқуқӣ МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

- Султонзода Соқи Аслоҳ - доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи забонӣ фарасавии факултети забонҳои Аврупо ва Осиёи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва паҳн гардидани он ба сурогаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:

доктори илмҳои фалсафа, профессор Назариев Р. З.

Аъзои комиссияи экспертӣ:

доктори илмҳои фалсафа Мирзоев Ғ. Ҷ.

доктори илмҳои фалсафа, дотсент Маҳмадова М. Ф.

10.11.2026